Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.KOA-002
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ яке аз шаклҳои дахолати давлат ба иқтисодиёт мебошад. Зарурияти чунин таъсиррасонӣ бо талаботи ҳифзи манфиатҳои оммавӣ, риояи афзалиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди давлат муайян мегардад. Танзими давлатии иқтисодиёт дар умум фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатиро доир ба ташкил, идоракунӣ ва назорати фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар бар мегирад. Таъсиррасонии давлат ба муносибатҳои иқтисодӣ бояд дар доирае, ки қонун муқаррар кардааст, амалӣ гардад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович бевосита ба таҳлили илмии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Тавсифоти ҳуқуқии инҳисори табиӣ» масъалаҳои маҳфуми инҳисори табиӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ-ҳуқуқӣ, мафҳум ва вижагиҳои мақоми ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ ва ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқи хусусӣ» ном дорад, муаллиф масъалаҳои асосҳои молу мулкии фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ, вижагиҳои муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ ва

ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табииро таҳлил намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти комили илмӣ дар самти танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маъруза ва дигар навъи пажӯҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи ҳуқуқии инҳисории табиӣ дар умум баррасӣ шудааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалиаш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ вобаста ба риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад. Автореферати диссертатсияи Ҷаборов Д.А. аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Яке аз санадҳои муҳимми соҳаи дӯрнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии қабулнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсияро зарур меояд, ки дар таҳқиқоти худ дар ин самт мавқеи худро дақиқ муайян намояд ва рушди падидаи танзими ҳуқуқии инҳисори табииро бо назардошти самтҳои афзалиятноки ин санадҳои муҳими мукаммалгардонии қонунгузории инҳисори табиӣ тавсеа бахшад.

Ҳамзмон эроди зикршуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва моҳияти бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Судяи Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҳошимзода Д.Д.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 48, тел. (+992 372) 221-23-16, constcourt.tj, constcourt.tj@mail.ru.

«Имзоро тасдиқ менамоям»

Сармутахассис оид ба кор бо
кадрҳо ва корҳои махсуси
Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабекова М.

БАХШИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

10 апрели 2020